Ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-017-и
назди Институти иқтисодиёт ва демографияи
Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон
(734024, ш. Душанбе, кӯчаи С.Айнӣ, 44,
E-mail: boboev.komil@mail.ru)

## ТАҚРИЗИ

муқаррizi расмӣ ба диссертатсияи Акрамова Бибималика Акбаровна дар мавзуи «Идоракунии равандҳои такрористеҳсол дар ташкилотҳои кишоварзӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисоси 6D050700 - Менеҷмент (6D050704 - Ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо)

**Мутобиқати диссертатсия ба ихтисосҳо ва самти илм, ки аз рӯйи онҳо диссертатсия ба ҳимоя пешниход шудааст.** Мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ ба бандҳои зерини шиносномаи феҳристи ихтисосҳои КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 6D050700 - Менеҷмент (6D050704 - Ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо) мувофикат менамояд: 6. Асосҳои назариявию методологии идоракунии ташкилот, сохтори ташкилии идоракунӣ, идоракунии ҷорӣ, идоракунии ташкилот аз рӯйи давраҳои ҳаёти он, 7. Идоракунии зернизомҳо ва функсияҳои алоҳидаи он, равандҳо ва захираҳои истеҳсолӣ, дороиҳои ғайримоддӣ, 15. Вижагиҳои идоракунии комплексҳо (КАС, нақлиёт, энергетика, сохтмон ва г). Механизмҳои ташкилию иқтисодии идоракунии комплексҳо.

**Мубрам будани мавзуи диссертатсия.** Дар фаъолияти ҳар як соҳаи иқтисодиёт ва муайян кардани ҳозираю ояндаи тараққиёти он равандҳои такрористеҳсолкунӣ аҳамияти ҳалкунанда дорад. Дар вақтҳои охир тадқиқоти муаммоҳои идоракунӣ дар сатҳи соҳаҳои алоҳидаи иқтисодиёт вусъат ёфт. Зиёд шудани диққат ба муаммоҳои такрористеҳсолкунии комплекси агросаноатӣ бо як қатор сабабҳои муҳим асоснок карда мешавад. Пеш аз ҳама, ин ба тағйир ёфтани модели иқтисодии идоракунии соҳаҳои гуногун ва ҷорӣ намудани модели тиҷоратии бозор ба ҷои модели пештараи тақсимоти сотсиалистӣ, вобаста аст; Сониян, бо якбора бад шудани вазъи иқтисодиёти хоҷагии халқ ва алалхусус комплекси агросаноатӣ, вайрон шудани намуду шаклҳои анъанавии алоқа дар соҳа ва байни субъектҳои гуногуни хоҷагӣ. Сеюм, бо кризисе, ки шакли анъанавии идоракунии иқтисодиёти комплекси агросаноатӣ аз сар гузаронда истодааст. Комплекси агросаноатӣ дар тамоми сохти иқтисодии ҷумҳурӣ мавқеи асосиро ишғол намуда, иқтидори иқтисодию иҷтимоии онро таъмин менамояд. Ин бо мавқеъи бартарии он дар истеҳсоли маҷмуи маҳсулоти умумӣ, дар

сохтори фондҳои асосӣ ва муомилот, дар ҳиссаи истифодаи захираҳои фаъоли меҳнатӣ ва таъмини амнияти озуқаворӣ асоснок мегардад. Ин омилро на танҳо барои он ба назар гирифтан лозим аст, ки бахши кишоварзӣ қисми зиёди аҳолиро бо кор таъмин мекунад, балки барои он низ ба назар гирифта шавад, ки вай аҳолии тамоми минтақаро бо озуқа таъмин мекунад ва аз ин рӯ, муҳити иҷтимоии минтақаро ташаккул медиҳад.

Таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки равандҳои такрористеҳсолкунӣ танҳо дар сурати ба қадри кофӣ маблағгузорӣ шудани он устувор мебошад. Ин мушкилот дар назди истеҳсолкунандагони кишоварзӣ шадидтар аст. Ташаккули раванди такрористеҳсоли корхонаҳои кишоварзӣ дар асоси баланд бардоштани ҷолибияти сармоягузорӣ яке аз масъалаҳои маркази рушди кишоварзӣ мебошад.

Рушди раванди такрористеҳсолкуниро дар соҳаи кишоварзӣ аз ҳисоби маблағгузорӣ тавассути афзун намудани базаи моддию техникӣ, ҷорӣ намудани технологияи нав, татбиқи лоиҳаҳоиояндадор таъмин кардан мумкин аст. Истеҳсоли самараноки кишоварзӣ афзоиш ва навсозии доимии сармояи асосӣ ва муомилотро тақозо мекунад, аз ин рӯ сармоягузорӣ дар ташаккули онҳо аҳамияти хоса дорад. Аз ин рӯ, дар шароити муосир барои корхонаҳои бахши кишоварзии иқтисодиёт масъалаҳои таъмини раванди такрористеҳсолӣ бо захираҳои сармоягузорӣ муҳим арзёбӣ мегардад. Аз сабаби паст будани сатҳи ҷолибияти сармоягузорӣ ба соҳаи кишоварзӣ, корхонаҳои кишоварзӣ маҷбуранд, ки мустақилона сармоягузоронро ҷустуҷӯ кунанд ва бодиққат пешниҳоди сармоягузориро барои баланд бардоштани ҷолибияти он таҳия намоянд. Аҳамияти ин муаммоҳо таҳқиқоти илмиро тақозо мекунад, ки хусусиятҳои раванди идоракунии такрористеҳсолкуниро дар заминаи назарияи рушди устувор аз нуқтаи назари асосҳои консептуалии он дар сатҳи ташкилӣ, иқтисодӣ ва институтсионалӣ дар комплекси агросаноатӣ амиқтар ошкор намояд.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуқтаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд.** Дар диссертатсия натиҷаҳои арзишманди таҳқиқот, ки ба ҳайси навгониҳои илмӣ муаррифӣ гаштаанд, инҳоанд:

Пеш аз ҳама, муаллиф ба он ноил гаштааст, ки дар асоси омузиши усулҳо, равишҳои назариявӣ, методӣ ва таҷрибаи хориҷии рушди низоми идоракунии равандҳои такрористеҳсол, хусусиятҳо ва воситаҳои ташаккули онро дар ташкилотҳои кишоварзӣ муайян ва модели

консептуалии механизми идоракунии равандҳои такрористеҳсолро дар сатҳҳои гуногуни соҳаи кишоварзӣ пешниҳод намояд.

Дар қадами дуюм низоми нишондиҳандаҳои самаранокии идоракунии равандҳои такрористеҳсол ва критерияҳои баҳодиҳии онҳо бо дар назардошти таъминоти сармоягузорӣ, кадрӣ ва иттилоотӣ, такмил дода шуда, аз тарафи муаллиф пешниходҳои асоснок таҳия гардидааст.

Ҳамчунин, унвонҷӯ дар асоси омӯзиш ва таҳлили омилҳои таъсиррасон ба раванди такрористеҳсол муайян кардааст, ки маҳдудияти молиявӣ ва имкониятҳои сармоягузорӣ, норасоии кадрҳои баландихтисос ва фаъолияти сусти инноватсионӣ садди роҳи пешрафт гаштаанд..

Ба ақидаи мо, муқаррароти навбатие, ки унсурҳои навгонии илмиро доро мебошад, ин такмили низом сармоягузорӣ, кадрӣ, институтсионалӣ, ташкилӣ, техникӣ ва иттилоотӣ мебошад.

Дар кори диссертатсионӣ фаъолияти инноватсионӣ, истифодаи равиши лоиҳавӣ, менеҷменти молиявӣ, захираҳои иттилотӣ ва таҳияи стратегияи рушди корхонаҳои кишоварзӣ ҳамчун навгонӣ асоснок шуда, самтҳои асосии такмили идоракунии такрористеҳсол дар корхонаҳои кишоварзӣ ҳисобида шудаанд.

Яке навгониҳои илмии арзишманди кори диссертатсионии тақризшаванда ин пешниҳоди модели идоракунии раванди такрористеҳсол дар сатҳҳои макро, мезо ва микро мебошад.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда.** Муаллиф бо истифода аз таҳқиқоти мукаммал як қатор муаммоҳои назариявию амалии ташаккули идоракунии такрористеҳсол дар корхонаҳои кишоварзиро ҳаллу фасл кардааст. Масалан, таҳқиқи асосҳои назариявӣ-методологии баҳодиҳии самаранокии идоракунии такрористеҳсол дар корхонаҳои кишоварзӣ дар шароити рушди муносибатҳои бозорӣ дар асоси омузиши таҷрибаи хориҷӣ ва хусусиятҳои ташаккулёбии идоракунии такрористеҳсол дар корхонаҳои кишоварзии ватанӣ, баҳогузории ҳолати муосир, хусусиятҳои амалкарди корхонаҳои кишоварзӣ ва нақши онҳо дар рушди истеҳсоло, коркарди тавсияҳои илман асоснок оид ба беҳдошти устувории молиявии онҳо, баҳодиҳии комплексии самаранокии идоракунии фаъолияти корхонаҳои кишоварзӣ, ошкор намудани захираҳои беҳтар гардонидани самаранокии идоракунии такрористеҳсол дар корхонаҳои кишоварзӣ.

Эътимоднокии натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ аз асосноккунии паҳлуҳои назариявӣ ва коркарди тавсияҳои амалӣ ҷиҳати

ташаккул ва баланд бардоштани самаранокии идоракунии такрористеҳсол дар корхонаҳои кишоварзӣ, нишондиҳандаҳо ва методологияи баҳодиҳии самаранокии фаъолияти онҳо, таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ, баҳодиҳии вазъи муосири рушди зерсоҳаи истеҳсолоти кишоварзӣ, роҳҳо ва захираҳои баланд бардошатани самаранокии идоракунии такрористеҳсол дар корхонаҳои кишоварзӣ тавассути дастгирии давлатӣ ва инчунин бо гузаронидани таҷрибаҳо, дақиқии маълумотҳо, кифоягии хаҷми маводҳои таҳқиқотӣ, коркарди омории натиҷаҷои таҳқиқот ва интишорот тасдик мегардад. Хулоса ва тавсияҳо дар асоси таҳлил ва баррасии натиҷаҳои таҳқиқоти назариявӣ ва таҷрибавӣ асоснок карда шудаанд.

Ҳамин тавр, чунин арзёбӣ кардан мумкин аст, ки соҳиби рисолаи илмии такризшаванда Акрамова Б.А. ҷиҳати ноил гардиданаш ба мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот тавассути усулҳои оморӣ, баҳодиҳии комплексӣ, пешгуикунии равандҳои иқтисодӣ, монографӣ, иқтисодӣ-оморӣ, диалектикӣ, абстрактӣ-мантиқӣ, таҷрибавӣ ва кор бо адабиёти илмӣ оид ба мавзуи диссертатсия ба дастоварди назарраси илмӣ шарафёб гардидааст.

**Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо.** Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот аз он иборат аст, ки пешниҳодҳои таҳияшуда оид ба ташаккул ва баланд бардоштани самаранокии идоракунии такрористеҳсол дар корхонаҳои кишоварзӣ ба такмили механизми идоракунии низоми хоҷагидории комплекси агросаноатӣ мусоидат менамояд ва онҳоро дар раванди таълими фанҳои иқтисодӣ ва барномаҳои рушди кишоварзии минтақаҳои Тоҷикистон, истифода хоҳанд бурд.

Инчунин, дар диссертатсия самаранокии иҷтимоии равандҳои идоракунии такрористеҳсол дар корхонаҳои кишоварзӣ муайян карда шудааст, аз ин ру, хулоса ва тавсияҳои дар диссертатсия дарҷгардида аҳамияти ичтимоӣ дошта, ба ҳалли мушкилоти иҷтимоӣ-иқтисодии маҳалҳо равона шудаанд.

**Саҳми шахсии довталаб дар иҷрои таҳқиқоти илмӣ.** Ҳамаи даврахо, ба монанди таҳияи мавзуъ, асосноккунӣ ва мубрамияти он, мақсади гузошташуда ва идрои вазифаҳои он ҷиҳати иҷрои нақшаи кори илмӣ бо иштироки бевоситаи муаллиф гузаронида шудааст. Ҳамзамон, муаллиф тавонистааст, ки мустақилона натиҷаҳои таҳқиқотро ҷамъбаст намуда, тавсияҳои амалиро оид ба самтҳои афзалиятноки таъмини самаранокии идоракунии такрористеҳсол дар корхонаҳои кишоварзӣ коркард намояд.

**Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Натиҷаҳои таҳқиқотии кори диссертатсионии муаллиф дар 11 мақолаи илмӣ, ки аз онҳо 5 мақола дар нашриётҳои тақризашаванди КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд. Мақолаҳои нашршуда мазмуни асосии диссертатсия ва автореферати онро инъикос менамоянд.

Муқарраротҳои асосии кори диссертатсионӣ дар конфронсҳои илмию амалии байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ, мизҳои мудаввар ва семинарҳои илмию методии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва берун аз он муаррифӣ гардиданд. Аксари мақолаҳои муаллиф дар солҳои 2018-2023 дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон ба табъ расонида шудаанд. Аз ин ру, мо итминон ҳосил кардем, ки кори диссертатсионӣ вобаста ба талаботи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267 тасдиқ шудааст, ичро гардидааст.

**Тавсифи умумии кори диссертатсионӣ.** Вобаста ба ҳадаф ва вазифаҳои кори диссертатсионӣ, сохтор ва мундариҷаи диссертатсия мувофиқи талаботи КОА таҳқиқ карда шудааст. Диссертатсия аз муқаддима, тавсифи умумии таҳқиқот, се боб, хулоса, руйхати адабиёти истифодашуда иборат мебошад. Диссертатсия дар ҳаҷми 188 саҳифаи матни компютерӣ чоп гардида, дорои 22 ҷадвал ва 16 расм мебошад.

Дар **муқаддима** мубрамӣ ва дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ ва робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва мавзуҳои илмӣ асоснок гардидааст.

Дар бахши «Тавсифи умумии таҳқикот» мақсад, вазифаҳо, объект, мавзуъ, фарзия, асосҳои назариявӣ, навгониҳои илмӣ, аҳамияти назариявию амалӣ, пойгоҳ ва дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот асоснок карда шуда, сарчашмаи маълумот, нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот, тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия, интишорот аз руйи мавзуи диссертатсия, сохтор ва хаҷми диссертатсия дарҷ гардидааст.

Дар боби аввали диссертатсия «**Асосҳои назариявию методологии менеҷменти раванди такрористеҳсол дар ташкилотҳои кишоварзӣ**» ҷанбаҳои назариявӣ ва метологии раванди такрористеҳсол дар корхонаҳои кишоварзӣ, принсипҳо ва усулҳои раванди такрористеҳсол, инчунин таҷрибаи хориҷии ташкил ва идоракунии раванди такрористеҳсол баррасӣ карда шудаанд.

Диссертант қайд намудааст, ки такрористеҳсол дар бахши кишоварзӣ дорои як қатор хусусиятҳои хос мебошад, ки раванди тавсеа ва идоракунии онро аз дигар бахшу соҳаҳои иқтисоди миллӣ ҷудо мекунад. Яке аз хусусиятҳои хоси раванди такрористеҳсол дар бахши

асосӣ дар корхонаҳои кишоварзӣ таҳлил карда шудааст.

Аз таҳлилҳои диссертант маълум мегардад, ки дар бахши муҳими иқтисодиёти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор мушкилоти муайян ҷой дорад, ки яке аз онҳо ин сатҳи ғайриқаноатбахши раванди такрористеҳсол мебошад. Вобаста ба ин бояд қайд намуд, ки корхонаҳои кишоварзӣ, ки дар минтақаҳои гуногуни кишвар фаъолият мекунанд сатҳи нобаробари рушд дошта, зарурати таҳқиқ ва асосноккунии самтҳои стратегии баландбардории самаранокии онҳоро ба миён мегузоранд.

Таҳлил нишон додааст, ки мубодилаи дарозмуддати ғайриэквивалентии маҳсулоти кишоварзӣ ва саноатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон боиси хеле баланд шудани дараҷаи ба кор андохтани фондҳои асосӣ, паст шудани суръати ҷорӣ намудани технологияи навоварона ва дигар комёбиҳои илмию техникӣ дар истеҳсолоти кишоварзӣ гардид. Дар корхонаҳои хурду миёнаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон махсусан, фарсудашавии биноҳо бештар аз 50,0 фоиз, мошину таҷҳизот қариб 60,0 фоизро ташкил медиҳад. Зиёда аз нисфи парки тракторҳо, комбайнҳо ва мошинҳои боркаш муҳлати истеҳлокии худро ба охир расонданд (саҳ.84).

Диссертант бо мақсади арзёбии вазъи такрористеҳсол дар корхонаҳои кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо истифода аз маълумотҳои дастрасшуда самаранокии онро таҳлил намудааст. Диссертант дар раванди таҳқиқот Кооперативи тиҷоратии «Абдуҳафизсаркор»-и ноҳияи Бобоҷон Ғафуров, ки соли 1996 таъсис дода шуда, 22 га. замин дорад ва ба истеҳсолу фурӯши зардолу, шафтолу, бодом, чормағз, гандум, пиёз, помидор, хӯроки чорво, коҳ ва ҷуворимакка машғул аст бо мақсади такрористеҳсоли воситаҳои асосӣ зери таҳлил қарор дода, хулоса намудааст, ки он як қатор корҳоро ба анҷом расонидааст. Соли 2013 дар коооперативи мазкур бо мақсади парвариши меваҳои ситрусӣ гармхонаи махсус бунёд карда шудааст. Дар заминаи тақвияти фаъолият дар самти такрористеҳсоли воситаҳои асосӣ айни замон коопертиви тиҷоратии «Абдуҳафизсаркор» 40-80 тонна зардолу, 5,8 тонна шафтолу, 0,5-1 тонна чормағз, 150-220 тонна пиёз, 15-20 тонна гандум, 3 тонна лимон ва 20-30 тонна хӯроки чорво истеҳсол мекунад. Афзоиши истеҳсолот дар заминаи дуруст ба роҳ мондани такрористеҳсоли воситаҳои асосӣ, аз он ҷумла таъмини техникии раванди истеҳсолот сурат гирифтааст. Дар ин давра як трансформатор бо иқтидори 100 Вт. ва ду чоҳи об ба истифода дода шудааст, ки иқтидории умумии онҳо 180м/соат об мебошад. Сохтори идоракунии кооперативи мазкур дар асоси риояи принсипи самаранокии максималӣ

ташкил карда шуда, фаъолияти молиявю хоҷагидории он дар заминаи сохтори функсионалии идоракунӣ идора карда шудааст, ки дар расми 2.2.1., саҳ.89 таҳлил гардидааст.

Диссертант исбот намудааст, ки самаранокии идоракунии такрористеҳсоли сармоя дар соҳаи кишоварзӣ камтар мебошад. Барои беҳтар кардани ин вазъ механизми ташкилию иқтисодии идора такмил дода шудааст. Робитаи пешбари механизми пешниҳодшуда дар сатҳи субъекти хоҷагӣ шуъбаи дастгирии техникӣ ва технологӣ мебошад, ки ҳадафи он ҷамъоварӣ, ҷамъбаст ва таҳлили иттилоот дар бораи раванди такрористеҳсолӣ дар корхона, беҳтар кардани сиёсати истеҳлок, сармоягузорӣ ва инноватсионӣ бо мақсади эҷоди сиёсати мукаммали такрористеҳсоли сармояи асосӣ мебошад. Ба андешаи муаллиф, пас аз таҳияи стандартҳои мувофиқ, вазоратҳо ва мақомоти дахлдор корро дар сатҳи минтақавӣ ҳамоҳанг ва назорат мекунанд. Нақши муҳимтарин ба раёсатҳои кишоварзӣ дода мешавад, ки дар сатҳи он сиёсати минтақавӣ оид ба такрористеҳсоли сармояи асосӣ бо назардошти хусусиятҳои минтақа таҳия карда мешавад. Дар ин раванд бо ташкилотҳои тобеъ ҳамоҳангсозӣ ва рушди соҳаҳо оид ба такмили системаи андоз, механизми пулӣ, сиёсати инноватсионӣ ва инвеститсионӣ дар заминаи сиёсати давлатӣ ҳамоҳанг карда мешаванд.

Диссертант механизми ташкилию иқтисодии идоракунии такрористеҳсолкунии фондҳои асосӣ дар соҳаи кишоварзӣ маҷмӯи равандҳои ба ҳам алоқаманд дониста, мониторинги вазъият, ҳамоҳангсозӣ ва ҳавасмандгардонии амалиёт, танзим ва назорат аз болои таҳияи расмиёти таъминоти соҳа бо захираҳои моддию техникӣ ва баланд бардоштани самаранокии раванди такрористеҳсоли онҳоро зарур мешуморад. Фаъолияти механизми пешниҳодшудаи ташкилӣ ва иқтисодии идоракунии тарористеҳсоли сармояи асосӣ дар соҳаи кишоварзӣ маҷмӯи тадбирҳои таъсири ташкилӣ ва иқтисодии марбут ба таъминоти соҳаро бо захираҳои моддию техникӣ ва истифодаи самарабахши онҳоро барқарор менамояд. Ин ҳадафмандона идоракунии раванди такрористеҳсолкунӣ ва баланд бардоштани самаранокии он дар шароити муосир ва роҳи инноватсионии рушди бахши аграрии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад, ки дар расми 2.3.1., саҳ.119 ба шакли «Модели идоракунии раванди такрористеҳсол дар корхонаҳои кишоварзӣ» илман асоснок шудааст.

Дар боби сеюми диссертатсия **«Самтҳои асосии такмили низоми идоракунии такрористеҳсоли сармояи асосӣ дар корхонаҳои кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон»** сиёсати такрористеҳсоли сармояи асосӣ дар корхонаҳои бахши аграрии иқтисодиёт, низоми идоракунии равандҳои

такрористеҳсол дар асосӣ тақвияти фаъолияти инноватсионӣ ва самтҳои афзалиятноки идоракунии раванди такрористеҳсолӣ дар корхонаҳои кишоварзӣ такмил дода шудааст.

Дуруст қайд шудааст, ки яке аз самтҳои асосии такмили низоми идоракунии раванди такрористеҳсоли сармояи асосӣ дар кишоварзӣ ин тақвияти фаъолияти инноватсионӣ на танҳо тавассути харидории воситаҳои истеҳсолии инноватсионӣ, балки татбиқи инноватсияҳо дар ҳама сатҳҳо ва зерсоҳаҳои истеҳсолоти кишоварзӣ ба ҳисоб меравад. Новобаста ба он, ки солҳои охир дар минтақаҳои алоҳидаи кишвар татбиқи инноватсияҳо дар бахши аграрӣ ба чашм мерасад, вале ба таъкиди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Ҳарчанд ки олимони соҳа дар бахшҳои мухталифи илми кишоварзӣ ба як қатор пешравиҳо ноил шудаанд, аммо дар шароити рушди босуръати илм навовариву ихтироот ва таҳқиқоту бозёфтҳои онҳо ҳоло ҳам қаноатбахш нестанд».

Дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон такрористеҳсол дар корхонаҳои кишоварзӣ ба интенсификатсияи истеҳсолот алоқаманд буда, заминаи асосии тақвияти равандҳои такрористеҳсол мебошад. Хусусияти иқтисодии захираҳои моддию техникӣ асосан дар таҷдиди фондҳои асосӣ ва фонди муомилот инъикос мегардад. Раванди экстенсивии такрористеҳсол дар корхонаҳои кишоварзӣ такмил додани хусусиятҳои микдорӣ ва сифатии фондҳои асосиро дар бар мегирад. Таъмини тараққиёти устувор ва динамикии кишоварзӣ нақши интенсификатсияро дар ҷараёни экстенсивии такрористеҳсол мунтазам баланд мебардорад, қайд намудааст муаллиф (саҳ.127).

Дар диссертатсия асоснок карда шудааст, ки интенсифитсияи истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ афзоиши вазни хоси маҳсулоти маҳаллӣ дар бозори озуқаро инъикос намуда, шарти асосии таъмини рушди устувор мебошад. Аз ин нуқтаи назар таъмин намудани рушди устувори корхонаҳои кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити муосир бояд бевосита ба интенсификатсияи раванди такрористеҳсол асос ёбад. Интенсификатсияи истеҳсолот бошад дар навбати худ ба такмили идоракунии такрористеҳсоли васеъ ва баланд шудани дараҷаи ҳосилнокии меҳнат мусоидат мекунад. Аз ҳамин нуқтаи назар диссертант ба идоракунии раванди такрористеҳсол дар корхонаҳои кишоварзӣ, моҳият ва хусусиятҳои хоси ин ҷараён диққати махсус додааст. Ҳангоми арзёбии маҷмуии самараи такрористеҳсоли фондҳои асосии корхонаҳои кишоварзӣ шохисҳои комплексии дахлдор муайян карда шудаанд, ки дар асоси онҳо бо назардошти аҳамияти ҳар як гуруҳи нишондиҳандаҳо шохиси интегралӣ муайян карда шудааст, ки дар расми 3.3.2, саҳ.155

пешниҳод гардидааст.

Дар бахши хулосаи кори диссертатсионӣ натиҷаҳои асосии таҳқиқот ҷамъбаст гардида, тавсияҳои мушаххас оид ба ташаккул ва баланд бардоштани самаранокии равандҳои такрористеҳсол дар ташкилотҳои кишоварзӣ пешниҳод гардидааст.

**Эродҳо ва ҳолатҳои баҳсталаб доир ба шаклгирии диссертатсия.**

Бо вуҷуди ҷиҳатҳои мусбӣ дар диссертатсия ҳолатҳои баҳсталаб ҷой доранд, ки ба инобат гирифтани онҳо барои таҳқиқоти минбаъдаи диссертант муфид мебошад:

1. Дар қисми назариявии кори диссертатсионӣ ақидаи олимони ватанӣ оид ба идоракунии равандҳои такрористеҳсол дар соҳаи кишоварзӣ кам ба чашм мерасанд, ҳол он ки Раҳимов Р.К., Шамсиев Б.Р., Асроров И.А. ва дигарон оиди ин масъала асару мақолаҳои ҷолиб нашр намуда буданд. Новобаста аз он, ки онҳо дар шароити иқтисодиёти плонӣ таҳқиқу таҳлилҳо намуда бошанд ҳам, хулосаю пешниҳодҳояшон ҳоло ҳам мубрам шуморида мешаванд.

2. Дар зербоби 1.3. диссертант таҷрибаи хориҷии идоракунии равандҳои такрористеҳол дар корхонаҳои кишоварзиро дар мисоли кишварҳо тараққикарда ба монанди ИМА, Олмон, Австрия, Канада, кишварҳои Иттиҳоди аврупо омӯхтааст. Бисёр хуб мешуд, агар диссертант таҷрибаи давлатҳои аз ҷиҳати иқтисодӣ ва сатҳи рушд ба мо наздикро омухта, хулосаҳои ба мо муфидро пешниҳод менамуд.

3. Баъзе ҷадвалу расмҳои дар диссертатсия овардашуда, таҳлилу натиҷагириҳои бештару асоснокро талаб менамоянд. Маълумотҳои баъзе аз онҳо бо соли 2021 ҷамъбаст гаштаанд. Ҳол он ки омори расмии 2022 аз чоп баромадаast.

4. Дар боби 3-юми диссертатсия самтҳои афзалиятноки такмили идоракунии раванди такрористеҳсол дар корхонаҳои кишоварзӣ ба тавре васеъ ва рушан илман асоснок нашудаанд.

Қобили қайд аст, ки камбудиҳои пешниҳодгардида, мазмун ва баҳои воқеии рисоларо паст намекунанд.

**Мутобиқати диссертатсия ва автореферати он ба талаботҳои «Тартиби додани дараҷаи илмӣ ва унвони илмӣ» (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №267, аз 30 июни соли 2021)**

Диссертатсияи Акрамова Бибималика Акбаровна дар мавзуи «Идоракунии равандҳои такрористеҳсол дар ташкилотҳои кишоварзӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)», ҳамчун таҳқиқоти илмии баанҷомрасида ҳисобида шуда, навгониҳои илмии ба даст овардаи диссертант муҳим ва дорои аҳамияти илмию амалӣ мебошанд.

Автореферати кори диссертатсионӣ фишурдаи таҳқиқоти

анҷомдодашуда маҳсуб ёфта, дар он талаботҳои меъёрӣ пурра риоя гардида, мазмуни мухтасари диссертатсия дар он таҷассум гардидааст ва ба талаботҳои «Тартиби додани дараҷаи илмӣ ва унвони илмӣ» (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №267, аз 30.06.2021) пурра мувофиқат мекунад.

**Хулосаи умумӣ оид ба диссертатсия**

Дар маҷмуъ, диссертатсияи Акрамова Бибималика Акбаровна дар мавзуи «Идоракунии равандҳои такрористеҳсол дар ташкилотҳои кишоварзӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)», ки барои дарёфти дарадаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз руйи ихтисоси 6D050700 - Менеҷмент (6D050704 - Ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо), пешниҳод шудааст, таҳқиқоти илмии ба анҷом расида маҳсуб ёфта, дорои пешниҳодҳои муфиди илмию амалӣ оид ба идоракунии равандҳои такрористеҳсол дар ташкилотҳои кишоварзӣ мебошад.

Аз ин ру, арзанда аст, ки муаллифи кори диссертатсионӣ Акрамова Бибималика Акбаровна ба дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз руйи ихтисоси 6D050700 – Менеҷмент (6D050704-Ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо) сазовор гардад.

Муқарризи расмӣ:
Доктори илмҳои иқтисодӣ, академик,
Директори Институти иқтисодиёт ва таҳқиқи
системавии рушди кишоварзии Академияи
илмҳои кишоварзии Тоҷикистон                                    Пиризода Ҷ.С.

Суроға: 734049, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Ҳаёти нав 306. Тел. +992907721680, E-mail: jalil-22@mail.ru

Имзои академик Пиризода Ҷ.С. - ро тасдиқ менамоям:
Сардори шуъбаи кадрҳои институт                                    Икромова М.Қ.